# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдусаматов Бекбобо Бурихонович дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020302-Таърихи умумӣ). Душанбе, 2024.**

Бо дарёфти истиқлолияти давлатӣ ба доираҳои васеи олимони Тоҷикистон имкониятҳои сифатан ҷадид фароҳам омад то ба таъриху тамаддуни хеш бо нигоҳи тоза нигариста, таҳқиқотро дар ҳама самтҳо воқеъбинона ба анҷом расонанд. Маҳз дар замони Истиқлолият таърихнигории миллӣ рушд намуда, мавзуъҳои мубрам ҳаллу фасли худро ёфта истодаанд. Дар баробари ин ба олимони ҷавон имконият фароҳам оварда шудаст, дар баробари таърихи ватанӣ, таърихи дигар давтаҳоро низ мавриди омӯзиш қарор диҳанд.

Омӯзиши мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» дорои аҳамияти баланди илмӣ буда, довталаби дараҷаи илмӣ Абдусаматов Бекбобо Бурихонович тавонистааст, ки ин масъалаи мубрами таърихиро бо асноду далелҳои муътамад ба риштаи таҳқиқ кашида, пешкаши ҳаводорони таъриху фарҳанг намояд. Дар таҳқиқоти мазкур муаллиф иқдом гирифтааст, ки вазъияти сиёсиву низомиӣ ва мушкилоти давлатсозии Афғонистонро дар солҳои 1992-2001 таҳлилу баррасӣ намуда, таҳқиқоти маҷмуиро дар ин самт анҷом диҳад. Диссертатсия аз муқаддима се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва феҳристи сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Бавижа боби сеюми диссертатсия зуҳур ва ташаккули ҳаракати «Толибон» номгузорӣ гардида аз се зербоб иборат мебошад. Дар зебоби аввали ин боб омилҳои дохилӣ ва хориҷии зуҳури ҳаракати «Толибон» бо диди нав ва бо сарчашмаҳову адабиётҳои нав таҳлилу таҳқиқ гардидааст. Зербоби дуюм андешаҳои динию сиёсӣ ва сиёсати иҷтимоии «Толибон»

номугузорӣ гардида ба қудрати сиёсӣ расидани Толибон ва сохти идоракардани онҳоро дар заминаи сарчашмаҳои мутамад таҳлил намудааст. Дар зербоби сеюми ин боб шаклгирии муқовимат бар зидди «Толибон» ва терроризми байналмилалӣ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифта натиҷаҳои он дар шакли мукамал баён гардидааст.

Дар автореферати диссертатсия мақсад ва вазифаҳо, методҳои таҳқиқ, объект ва предмети омӯзиш, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқшаванда, давраҳои таърихии омӯзиш, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, муқаррароте, ки барои дифоъ пешниҳод мегарданд, мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Инчунин муҳтавои асосии кори таҳқиқотӣ давра ба давра ба таври муфассал ва илмӣ дар асоси сарчашмаҳо баён гардидааст, ки моҳияти мавзуи таҳқиқшавандаро куллан ифода мекунад.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати диссертатсия бармеояд, ки муаллиф мубрам будани мавзуи таҳқиқотӣ, мақсад ва ҳадафҳои таҳқиқотро аз нуқтаи назари илмӣ асоснок намояд. Асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷиро, ки дар самти вазъияти сиёсиву низомӣ ва мушкилоти давлатсозии Афғонистон дар солҳои 1992-2001 бо паймонаҳои мухталиф дар онҳо инъикос ёфтаанд, баррасӣ намояд, асоси методологии таҳқиқотро муайян карда, сарчашмаҳои вобаста ба мавзуи таҳқиқотиро аз худ намуда, онро тавсиф ва баҳои илмӣ диҳад. Муҳаққиқ дар асоси таҳлили сарчашмаҳои хаттӣ масоили асосии мавзуи таҳқиқотиро муайян ва илман исбот намудааст. Дастоварди беназири таҳқиқот аз он иборат аст, ки омӯзиши масъалаи «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» дар илми таърихнигории ватанӣ иқдоми нав ба шумор меравад.

Ба боварии комил метавон гуфт, ки муҳаққиқ ба таври воқеӣ ба мақсади пешгузоштаи худ ноил гардидааст. Хулоса ва натиҷаҳои асосии илмии бадастовардаи диссертант фарогири мазмуну муҳтавои асосии автореферати рисола мебошанд. Инчунин, қобили зикр аст, ки дар

қисмати муҳтавои асосии таҳқиқот муҳаққиқ ба таҳлил ва таҳқиқи бевосита машғул гардида, бо далелҳои муътамади илмӣ онро баён намудааст.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Абдусаматов Бекбобо Бурихонович дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таҳияи автореферат ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020302-Таърихи умумӣ) мебошад.

Доктори илмҳои таърих, профессори
кафедраи таърихи халқи тоҷики
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Абдуллоев М.Х.

Имзои М.Х. Абдуллоевро тасдиқ менамоям:
Сардори РККМ ДДК ба номи А.Рӯдакӣ — Амиров Ф. А.

Суроға: 735360 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16.
Телефон: (83322) 2 35 06 E-mail:info@ kgu.tj

11. 12. 2024